## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02. 01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод мегардад.**

Мусаллам аст, ки «Таърихи Систон» ҳамчун асари арзишманди таърихӣ ҷиҳати таҳқиқи забони адабии форсии тоҷикии асрҳои X-XI сарчашма ё манбаи муҳиммеро мемонад, зеро муаллифи он бо маҳорати баланди забондонӣ кӯшиш кардааст, ки дар баёни андешааш бештар такя ба таркиби луғавии забони дарии тоҷикӣ намояд. Асари мазкур дар омӯзиши забону адабиёти форсии садаҳои IX-XI сарчашмаи боэътимод буда, ҷойномҳо дар он мавқеи хос доранд. Бар мабнои осори таърихию ҷуғрофӣ оид ба номгузорӣ корҳои муҳимму бунёдӣ анҷом пазируфта бошад ҳам, паҳлуҳои гуногуни он ҳанӯз ба таҳқиқи ҷиддии илмӣ ниёз доранд. Кори диссертатсионии Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои пур кардани ҳамон ҷойи холӣ дар номшиносии муосири тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Мувофиқи маълумоти фишурда аён аст, ки диссертатсияи номбурда ба баррасии вижагиҳои луғавӣ ва сохтории маводи ономастикии «Таърихи Систон» бахшида шуда, ба воситаи он мавқеи забони адабии тоҷикӣ дар ин давр то андозае муайян карда шудааст. Ҷолибияти мавзуи баррасишаванда дар он аст, ки дар диссертатсия нахустин бор маводи ономастикии асари таърихии «Таърихи Систон» аз нигоҳи луғавӣ ва сохторӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки хеле ҷолиб аст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиб аз рӯйи маъёрҳои ҷории мавҷуда дарҷ шудаанд. Масалан, бахши « Вазифаҳои таҳқиқ» аз 10 банд иборат буда, ҳамаи бандҳо фарогири масоили марбут ба мавзуи диссартатсия ҳастанд.

Мундариҷаи диссертатсияро номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима ташкил медиҳанд.

Дар **муқаддима** ва бобҳои диссертатсия масъалаҳои дар пеш гузоштарои унвонҷӯ дар пояи маводди гирдовардааш мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои луғавӣ ва сохтории ҷойномҳоро дар асоси усулҳои синхронӣ ва диахронӣ ошкор карда шуда, ки аз ин ҷиҳат ҷанбаи илмии диссертатсия афзун гардидидааст. Инчунин бобҳои диссертатсия, мувофиқи маълумоти фишурдаи он, бо назардошти муқаррароту тадлаботи корҳои илмӣ таҳия гардида, аз чандин фаслҳои таркибӣ иборат мебошанд ва дар ҳар як фасл як ҷиҳати ҷойномҳои асар матраҳ гардидаанд.

Забони фишурда фаҳмо, илмӣ ва ба талаботи забони илм ҷавобгӯ мебошад, ки касе онро мутолиа кунад, бо осонӣ аз муҳтавои фишурда мефаҳмад.

Дар **хулоса**и диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ дар 15 банд ҷамъбаст гардида, ҷамъбасти хулосаҳои таҳқиқ низ пешкаш ва барои истифодаи амалии натиҷаҳои он тавсияҳо дода мешавад.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 8 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти ҶТ ва 3 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд.

Дар баробари ин дар автореферати диссертатсия чанд носаҳеҳиву норасоӣ ва камбудиву ғалатҳо ба назар мерасанд, ки чанде аз онҳоро барои беҳбудии муҳтавои диссертатсия пешниҳод менамоем:

1. Ба назари мо, бахшҳои «Мубрамии мавзуи таҳқиқ» ва «Қисмати навгонии рисола» ташреҳи муфассалтарро тақозо доранд. Хуб мешуд, ҳангоми нашри монография ба ҳамин чизҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд.

2. Дар диссертатсия ва фишурдаи он ғалатҳои имлоӣ (с. 4, 8, 12), услубӣ (с.15) ва техникӣ () роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Эродҳои зикршуда моҳияти илмии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшаванда буда, аз фишурдаи диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Систон» (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» **аён мешавад, ки таҳқиқи мазкур а**нҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади** илми филология,
дотсенти кафедраи забоҳои
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ Икромова Г.Х.
«08» майи соли 2025

**Нишонӣ:** 734027, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Буни Ҳисорак 88а.
Тел: +992 933-53-20-53. Email: ikromovagulandom2@gmail.com

**«Имзои Икромова Гуландом Холовнаро тасдиқ мекунам»**:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Нишонӣ**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо 10
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М. С. Осимӣ
Тамос: +992 (372) 221-35-11.
Email: info@ttu.tj

«08» майи соли 2025